**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Омӯзишу таҳқиқи ин ё он бахши истилоҳот дар забоншиносӣ падидаи нав набуда, аввалин пажуҳишоте, ки ба таҳлилу баррасии луғоту истилоҳоти тоҷикӣ бахшида шудааст, ба солҳои 50-60-уми садаи XX рост меояд. Пажуҳиши истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар ду забони гуногунсохтору гуногуннизом, яъне тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои умдаи забоншиносии муосир маҳсуб меёбад, зеро ин гуруҳи истилоҳот ифодакунандаи фарҳанг, тамаддун, хислату рафтор ва расму оини мардуми тоҷику англис буда, дар сарчашмаҳои таърихиву илмӣ ва мардумшиносӣ ҳувайдо мегарданд.

Рисолаи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» аз муқаддима, се боб, 13 фасл, ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқ, моҳияти амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якуми рисола, ки «Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дорад, шарҳу тавзеҳи назарии истилоҳот дар забоншиносии муосир, мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда ва таснифоти мавзуии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Пасон, муаллиф ба масъалаи назарии таҳқиқи истилоҳоти кулолгарӣ ҳамчун мавзуи асосии таҳқиқоти забоншиносии муқоисавӣ даст зада, нахуст фикру андешаҳояшро роҷеъ ба ҷойгоҳи истилоҳоти зикргардида дар илми забоншиносӣ ва дараҷаи пажуҳиши ҷанбаҳои зикршуда аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ бо таҳлили амиқи илмӣ баён мекунад. Агар аз як тараф, шеваи таҳлилу тарзу услуби нигориши масъала дар рисола донишмандонаву олимона бозтоб гардида бошад, аз тарафи дигар, назару муқобалаи нуктаҳои таълифоти ба мавзуъ бахшидашуда, ки онро муаллиф дақиқу мушаххас ба риштаи таҳқиқ мекашад, хонандаро бо таърихи омӯзиши мавзуъ дар забоншиносии муқоисавӣ ошно месозад.

Боби дуюми рисола вижагиҳои луғавӣ-маъноии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар бар гирифта, дар он муаллиф доир ба падидаҳои сермаъношавии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муродифшавии истилоҳоти мавриди зикр дар забонҳои муқоисашаванда, ҳамгуншавии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълумоти амику дақикро пешниҳод намудааст. Илова бар ин, номбурда дар боби зикргардида истилоҳоти иқтибосии соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва роҳҳои иқтибосшавии истилоҳот ба таркиби луғавии забонҳои муқоисашавандаро мавриди омӯзишу баррасии амиқи илмӣ қарор додааст.

Дар боби сеюм «Таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ин масъалаҳо дар чор фасли ҳамин боб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, усулҳои маъмули истилоҳсозии истилоҳоти кулолгарӣ дар муқоисашаванда, дар асоси усулҳои сарфӣ, наҳвию сарфӣ ва наҳвии истилоҳсозӣ дар созмони истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳиш гардидаанд.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муҳаққиқ ба итмом расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои илмии дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Рисолаи илмии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи меъёрҳои нави таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Натиҷаи таҳлилу омӯзишҳои мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар хулосаи рисола ҷамъбаст гардидааст.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар панҷ банд оварда шудаанд, дуруст ва қобили қабуланд.

Рисола бо вуҷуди дар сатҳи баланд иншо гардиданаш дар баъзе саҳифаҳои автореферат нуқсонҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар расиданд:

1. Дар бисёр саҳифаҳои рисола андешаву назари муаллиф такрор омадаанд [саҳ. 11, 24].

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва аломати китобат ба назар мерасан, ки ислоҳ гаштани онҳо ба нафъи кор хоҳад буд [7, 10, 13…].

Камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ ва осон бартарафшаванда буда, ба аҳамияти илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд.

Хулоса диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба шумор рафта, ба

талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

Номзади илми филология,
саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Гулямов Ҳайдар Қаландарович

«Имзои номзади илми филология Гулямов Ҳайдар Қаландаровичро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Файзуллохуҷа Азизович

**Суроға:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992 (83322) 2-35-06; +992 (83322) 2-35-09
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj

«22» майи соли 2022